Food and Agriculture Organization of the United Nations

# ЧӢ ТАВР ИСТИФОДАИ АНТИБИОТИКҲОРО ДАР СОҲАИ ПАРАНДАПАРВАРӢ КОҲИШ ДИҲЕМ

Антибиотикҳоро танҳо барои табобати парандаҳое, ки бемориашон ташхисшуда ё эҳтимолан беморанд истифода баред. Антибиотикҳоро бо об назар бо хӯрок додан беҳтар аст. Антибиотикҳоро барои пешгирии бемори ё барои афзоиши вазн истифода набаред.

Шумораи ташрифоварандагонро маҳдуд кунед, бо либос ва мӯзаҳои ивазшаванда таъмин намоед ва онҳо дастҳои худро бишӯянд. Нақлиётро пеш аз ворид шудан ба хоҷагӣ тоза ва дезинфексия кунед. Бо зарарасонҳо мубориза бурда даромадани ҳайвоноти хонагӣ ва ҳайвоноти ваҳширо, ки метавонанд паҳнкунандаи бемориҳо гарданд, маҳдуд кунед. Амалияи "ҳама холӣ / ҳама пур"- ро ба роҳ монед .

Ваксинаҳои баландсифатро истифода баред. Онҳоро мувофиқи дастури истеҳсолкунанда нигоҳ доред ва истифода баред.

Солимӣ ва рафтори парандаҳоятонро ҳар рӯз назорат кунед, то тағйиротҳои ногаҳонӣ ва ё тадриҷиро (оҳиста-оҳистаро) сариваққт муайян кунед. Ҳангоми чунин назоратҳо парандагони мурдаро несту нобуд кунед.

Тавсияҳоро оид ба вентилятсия, масофаи хӯрокдиҳӣ ва обдиҳӣ, равшанкунӣ, зичии нишасти мурғон ва шароити дигар иҷро кунед.

Хӯрока бояд сифати хуби гигиенӣ ва дорои миқдори кофии энергия ва минералҳо дар тавозуни муносиб дошта бошад. Хӯрокаро дуруст нигоҳ доред. Тавсияи парҳезии растанӣ дода мешавад.




Истифодаи пребиотикҳо, пробиотикҳо, равғанҳои эфирӣ, кислотаҳои органикӣ, нахи ҳалнашавандаи ғизоӣ дар ғизодиҳии паранда ба афзоиши бактерияҳои муфид дар рӯдаҳо мусоидат мекунанд, таъсири зиддибактериявӣ доранд ва ба солимии онҳо таъсири мусбат мерасонад.

Мурғхона ва таҷҳизоти парандаҳоро бо истифодаи маводи шустушӯӣ ва / ё бо оби гарм тоза кунед, то аз маводи органикӣ тоза шаванд ва баъд аз он дезинфексияи охиронро иҷро кунед. Пас аз ҳар як давраи истеҳсолӣ бекористии мувофиқро таъмин кунед.

Саршумори парандаҳои худро аз манбаҳои боэътимод пур кунед. Саршумори парандаҳои волидайнӣ бояд эм карда шаванд ва солим бошанд.

Пас аз овардани чӯҷаҳо ба ферма, ба онҳо дастрасии фаврӣ ба хӯрока ва об таъмин карда шавад. Боварӣ ҳосил кунед, ки ҳамаи талаботи ғизоӣ ва физиологиро таъмин кардаед.

Дастрасии оби дорои сифати баланди санитарию гигиениро таъмин намоед. Системаҳои обро зуд-зуд тоза ва дезинфексия кунед. Ҳар ҳафта хатҳои обдиҳиро тоза намоед.

БАРОИ МАЪЛУМОТИ БЕШТАР ДАР БОРАИ ИСТИФОДАИ САМАРАБАХШ ВА МАСЪУЛИЯТНОКИ АНТИБИОТИКҲО ДАР СОҲАИ ПАРАНДАПАРВАРӢ ЛУТФАН СКАНЕР КУНЕД

©FAO, 2022
CB7403TG